# Муносибати хуб, ҳаётро дароз мекунад

**Лоиҳаҳои Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бо ВНМО, сил ва вараҷа дар Тоҷикистон дастрасиро ба табобат васеъ намуда, муносибати одамонро нисбати бемории ВНМО ва зиндагӣ бо ВНМО ва тағйир медиҳанд.**

Кормандони ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар ҳамкории зич бо мутахассисони марказҳои ВНМО ба шахсони гирифтори ВНМО дар оғози саривақтии табобати зиддиретровирусӣ ва риояи табобати оғозкарда ва дар сурати қатъи табобат ба шахсони гирифтори бемории ВНМО кӯмак мерасонанд. Илова ба ҷанбаҳои тиббии табобати беморон, ҷузъи дигари муҳими ҳамкории созмонҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ВНМО - ин расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ва психологӣ ба шахсони гирифтори бемории ВНМО дар ҳамаи сатҳҳо, аз аъзои оила оғоз карда, то наздиконашу атрофиёнашон мебошад.

Соли 2013, Рустам дар бораи гирифториаш ба бемории ВНМО хабар ёфт ва аз ҳамон сол ба табобати зиддиретровирусӣ шурӯъ кард. Ӯ мунтазам ба Маркази ВНМО ташриф оварда, доруҳои зиддиретровирусиро мегирифт, вале сарфи назар аз он, табибон мушоҳида намуданд, ки вазъи саломатии Рустам бад шуда истодааст. Дар рафти вохӯриҳои мунтазам бо духтурон Рустам иқоро нашуд, ки ӯ доруҳояшро қабул намекунад. Соли 2016, вақте Рустам ба бемории сил гирифтор шуд, ба пизишкон ошкор кард, ки аз сабаби мушкилоти оилавӣ ва муносибати манфии аъзои оила, ӯ доруҳояшро саривақт қабул карда наметавонист.

*"Вақте бародарон ва хоҳаронам дар бораи бемории ман фаъмиданд, аз ман канораҷӯӣ мекарданд, кӯшиш доштанд, ки аз ман дуртар бошанду, бо ман муошират накунанд. Вақте ман ба бемории сил гирифтор шудам, онҳо маро аз хона берун карда, дар анборхонаи бе фарш, бе шифт, бе дару тиреза ҷо карданд. Аъзоҳои оилаам ба ман хӯрок намедоданд ва намемонданд, ки аз ҷуммак об нӯшам. Доруҳоямро, ки аз маркази ВНМО гирифта будам, баъди хӯрок кардан лозим аст, аммо ман онҳоро қабул намекардам, зеро умуман хӯрок намехӯрдам. Ман ҳамеша гурусна будам. Рӯз ба рӯз вазъи саломатиам бадтар мешуд. Ман маргамро интизор будам",* - нақл мекунад Рустам.



Дар акс: Рустам мизоҷи лоиҳа

Дар соли 2016, вақти боздиди навбатӣ ба Маркази ВНМО, Рустам бо корманди иҷтимоии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» ҳамсӯҳбат шуд.

*"Ман рӯзи вохӯриро бо корманди иҷтимоии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» хеле хуб дар ёд дорам. Ин 25 майи соли 2016 буд. Пештар, ман ба касе дар бораи гурусна буданам ва муносибати манфии оилаам нисбати ман иқрор шуда наметавонистам. Ҳоло, ба шарофати мушовири ҳаммисл, ба ман дар бораи мушкилоти доштаам ҳарф задан осонтар шуд.Дарк кардам, ки мисли ман гирифторони ВНМО зиёд аст ва онҳо низ бо*

*мушкилоти зиёди вобаста ба ин бемориашон дучор мешаванд. Пеш аз ҳама, ин ташкилот ба ман дар оғоз кардан ва гирифтани муоличаи зарурӣ аз бемории сил кумак расонид. Кормандони иҷтимоӣ ба ман кӯмак намуданд, то доруҳои намерасидаро харидорӣ намоям, бо маводи хӯрока таъмин карданд, то ман саривақт хӯрок хӯрда, доруҳоямро қабул кунам",* - идома медиҳад қиссаи худро Рустам.

Бо розигии Рустам, корманди иҷтимоӣ ва мушовир бо аъзои оилаи ӯ мулоқот намуданд, дар бораи ҳаёт бо ВНМО ва муоличашаванда будани бемории сил сӯҳбат карданд, фаҳмонданд, ки бемории ВНМО барои дигарон хатарнок нест. Ба хешовандони Рустам гуфтанд, ки агар ӯ доруҳояшро мунтазам ва саривақт истеъмол кунад, метавонад бо ВНМО солҳои тӯлонӣ зиндагӣ кунад. То чӣ андоза муҳим будани дастгирии хешовандон ва дӯстон барои Рустамро бо якчанд мисол фаҳмониданд.

*«Ҳаёти ман тағйир ёфт. Ман худро чунон ҳис кардам, ки гӯё аз нав таваллуд шудам. Оилаам маро чуноне ҳастам қабул кард. Онҳо барои аёдати ман ба беморхона меомаданд. Ҳоло ман доруҳоямро саривақт қабул мекунам. Беҳтар шудани саломатиамро ҳис карда истодаам. Ба ҳар ҳол, гарави умри дароз бо ВНМО ин дастгирӣ ва муносибати мусбати оила аст»,* - хулоса мебарорад аз таҷрибаи ҳаёташ Рустам.

Бо дастгирии корманди иҷтимоии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар охири моҳи ноябри соли 2016, Рустам муваффақона курси пурраи табобати бемории силро анҷом дода, ба сифати ёвари фурӯшанда дар бозори маҳаллии Қурғонтеппа ҷои кор ёфт. Айни замон, Рустам дар хонаи худ, зери нигоҳубини оила зиндагӣ мекунад.

---

Маълумот: Лоиҳаи «Мустаҳкамкунии шароити мусоид ва васеъ намудани миқёси чорабиниҳои профилактикӣ, табобат ва нигоҳубин барои нигоҳ доштани паҳншавии эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби  Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва вараҷа ва Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад. Лоиҳа аз тарафи Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо ҳашт ташкилоти ҷамъиятӣ дар 22 шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.